**Тақриз**

**доир ба диссертатсияи барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ (педагогикаи ичтимоӣ) таълифнамудаи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзӯи: “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – ичтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ) аз рӯи ихтисоси 6D.КОА-030 - 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03- Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ).**

Неъматов Рамазон Ҳуснидинович соли 2014 факултаи “Таърих ва филология”-и Филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҳозира Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт –ро хатм намудааст. Зимни тадқиқотҳои худ ба таҳқиқи яке аз мавзӯҳои мубрами давраи муосир “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – ичтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) машғул гардида, дар тӯли зиёда аз 5 сол ба омӯзиши арзишҳои оилавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти оилии касбӣ дар шароитҳои нави педагогӣ – ичтимоӣ машғул шудааст.

Диссертатсияи таълифнамудаи Неъматов Р. Ҳ. аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулосаи умумӣ ва адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддима, мақсад ва фарзияи кор ва дар ин замина вазифаҳои асосии муҳаққиқ, методологияву методҳои пажӯҳиш, навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳимияти назариявии диссертатсия мушаххасан баррасӣ гардида, ниҳоят, аҳамияти амалӣ ва мавридҳои муаррифии натиҷаҳои бадастомада аз он, таъқид гардидааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯзаи ҷомеа бунёди оилаи нав, аз ҷумла оилаҳои донишҷӯён ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бетарафу

бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Вобаста ба мавзӯ аз тарафи диссертант барои ошкор муайян намудани арзишҳои оилавӣ дар байни донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таҳқиқот гӯзаронида шудааст, ки натиҷаҳои кор дар рӯзнома ва маҷалаҳои тақризшаванда нашр гардидаанд.

Дар давраи таҳия ва омода намудани диссертатсия барои дифоъ, Неъматов Рамазон Ҳусниддинович ҳаҷми назарраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ, мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботу ҳадафмандӣ, сатҳи баланди қобилият ба кор ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ, дар конфронсҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа ва дар маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Ҳамзамон 9 мақолаю фишурдаҳои муаллиф, аз ҷумла 5 адад мақола дар маҷаллаҳои такризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда, нашр гардидаанд.

Диссертатсия кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи психологӣ-педагогӣ муҳимро дар бар мегирад ва ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) тасдиқ

гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03- Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи ДМТ Юнусова Нафисахон Муродовна
01 ноябри 2023с.

**Маълумот барои тамос:** 734025.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.(992) 3722-21-77-11. (раб.) E-mail: tgnu@mail.tj. веб.сайт: www.tnu.tj.

Имзои профессор Н.М. Юнусова-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ ДМТ Э. Тавқиев

01. 11. 23